Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА- 018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Абдуллозода Аҳтам Рустам дар мавзӯи «Шартномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Мавзӯи рисола, нақша, маводҳои илмию амалии дар рисола истифодашуда, натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои дар доираи тадқиқот манзуршуда ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқат менамояд.

## Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Дар шароити рушди иқтисоди бозоргони истифодаи захираҳои табиӣ ва дигар навъҳои моликияти ба давлат марбутбуда ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисодиёти ҳар як кишвар мебошад. Барои беҳбуд кардани сатҳи иктисодӣ давлат чораҳои гуногунро меандешад, ки яке аз онҳо мақсаднок истифода бурдани чунин моликият ба шумор меравад. Онҳо бо роҳҳои гуногун мавриди истифода қарор мегиранд. Яке аз воситаҳои ҳуқуқии мураттаб ва танзим намудани ин ҷараён шартномаи консессионӣ

мебошад, ки ҳамзамон яке аз имкониятҳои ҳуқуқии ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ дар иқтисодиёти кишвар маҳсуб мегардад.

Тавассути шартномаи консессия амволи зерин метавонад дар муомилот бошанд: замин, қанданиҳои фоиданок, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот, роҳҳои автомобилгард, объектҳои истеҳсолӣ, объектҳои воситаи нақлёти роҳи оҳан, аэродромҳо, иншооти гидротехникӣ, объектҳои оид ба истеҳсол, интиқол тақсими нерӯи барқ, объектҳои таъминкунандаи гармӣ, объектҳои истеҳсол, коркард ва нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ, объектҳои коркард ва нобудкунии партовҳои сахти маишӣ, инчунин моликияти дигари давлатӣ ва молу мулки манънакардаи қонунгузорӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ва сохтмон (бунёд)-и объектҳои нав аз ҳисоби консессиядор, мебошанд, ки минбаъд ба ихтиёри далват супорида мешаванд.

Роҷеъ ба ин масъала муаллиф чунин зикр менамояд: "Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар баробари мавҷуд будани мушкилоти самти қонунгузорӣ, сабабҳои муҳими рушд наёфтани соҳа маҳз нокифоягии асосноккунии илмии шартномаҳои консессионӣ, набудани таҳқиқоти ҳаматарафаи фарогирандаи паҳлуҳои асосии ҳамкории консессионии давлат бо бахши хусусӣ, ба таври зарурӣ ҳал нагардидани мушкилоти ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими шартномавии консессия, номуайянии қонунгузории консессионӣ дар низоми умумии ҳуқуқии ҷумҳурӣ, кӯшишҳои камсамари дарёфти роҳҳои рушди минбаъдаи фаъолияти консессионӣ, ташаккул наёфтани нуқтаи назари доктринавии ягона дар хусуси шартномаҳои консессионӣ ва ғайраҳо маҳсуб ёфта, дар маҷмуъ таҳқиқоти илмии мазкурро боз ҳам мубрам мегардонанд" (с.5).

Гарчанде доир ба ба ҳамин масъала баъзе таҳқиқотҳо рӯйи кор омада бошанд ҳам, аммо маҳз масъалаҳое, ки муаллиф дар рисола баррасӣ кардааст, аз масъалаҳои дигар тадқиқотҳо фарқ намуда, назари хоси эҷодиро ифода кардааст. Рисолаи мазкур ба бартараф намудани як қатор

холигиҳо дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст. Аз ҳамин лиҳоз рисола дар шароити ҳозира ҳамчун кори илмӣ-назариявӣ мубрам ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин сабаб мубрамияти илмию амалии рисолаи Абдуллозода Аҳтам Рустам ягон шаку шубҳаеро ба вуҷуд намеорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо тибқи дар «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 муайян карда шудаанд, таҳия гардидаанд. Рисола ҳамчун кори мустақили илмӣ-тахассусӣ ба шумор рафта, натиҷаи он барои рушди илм ва қонунгузории гражданию соҳибкорӣ заминаҳои заруриро фароҳам меорад. Диссертатсия яке аз аввалин таҳқиқотҳои диссертатсионии ба масъалаи шартномаҳои консессионӣ бахшидашуда ба шумор меравад. Дар кори илмии мазкур масъалаҳои муҳими танзими ҳуқуқии шартномаҳои консессионӣ ба таври комплексӣ дида баромада шудааст. Аввалин маротиба дар илми ватании ҳуқуқӣ таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаҳои назариявию амалӣ ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои консессионӣ анҷом дода шуд. Самтҳои асосии таҳқиқот ба муайян намудани дурнамои рушди ҳамкории консессионии давлат ва соҳибкории хусусӣ, таҳлили қонунгузорӣ дар ин соҳа, муайян кардани норасоиҳои мавҷуда ва пешниҳоди таклифҳои мушаххас барои такмили он равона гардидааст.

Муаллиф проблемаҳои хоси соҳаро баррасӣ кардааст. Таҳлилҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва баҳсҳои илмии муаллиф аз мавқеи мустақили ӯ дарак медиҳад. Ном, нақша ва навишти рисола ягонагии дохилӣ дорад ва пайдарҳаму мантиқона ифода шудааст.

Ба ҳимоя муқаррароти илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти рисоларо ифода месозанд:

1. Хусусиятҳои рушди шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар шароити муосир шарҳ дода шуда, ҳолати ташаккули як фаҳмиши сиёсӣ консепуталии муҳимияти чунин шарикӣ, махсусан барои лоиҳаҳои сармоягузорие, ки ҳам барои давлат ва ҳам барои тиҷорат аҳамияти аввалиндараҷа доранд, тасдиқ мегардад. Маҷмӯи таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва амалии пайдоиш ва рушди муносибатҳои консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамоянд, ки истифодабарии моликияти давлатӣ дар асоси консессия ва бо ҷалби воситаҳои молиявию технологӣ, кадрӣ ва дигар воситаҳои бахши хусусӣ дар ниҳояти кор ба сарфаи маблағҳои буҷети давлатӣ, беҳтар гардидани сифат ва дастрасии хизматрасониҳое, ки ба истифобарандагони ниҳоӣ расонида мешавад ва навсозии худи объекти консессия мусоидат менамояд.

2. Заминаҳои таърихию объективонаи рушди консессия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардиданд, ки ба хусусиятҳои зерин алоқаманд мебошанд:

а) ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва гузариши иқтисодиёт ба шакли бозории хоҷагидорӣ дар ҶТ;

б) барасмиятдаронии шаклҳои нави ҳуқуқии шарикии давлативу хусусӣ, баҳогузории самаранокӣ ва зарурати рушди минбаъдаи он;

в) мавҷудияти захираҳои табиӣ дар қаламрави мамлакат ва дурнамои ҷалби сармояи хориҷӣ бо мақсади коркарди минбаъдаи онҳо;

г) истифодаи оқилонаи захираҳои обии дар кишвар мавҷудбуда бо мақсади баланд бардоштани иқтидори энергетикӣ, ки ба ҳалли мушкилоти норасоии нерӯи барқ дар асоси консессия, хусусан дар фасли зимистон равона шудааст.

Вале, новобаста аз мавҷудияти имкониятҳоиояндадор, таҷрибаи миллии консессионӣ тавассути баимзорасонии шартномаҳои дахлдор рушди босуръат надошт, ки сабабҳои онро метавон чунин шарҳ дод:

а) ҳодисаҳои марбут ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки ба имиджи давлат таъсиргузор буда, боварии сармоягузорони хориҷиро барои анҷоми фаъолияти сармоягузорӣ дар кишвари мо ба таври ҷиддӣ коҳиш дод;

б) кӯшишҳои аввалини таҷрибаи дар амал татбиқшудаи ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ, ки баҳогузории тавакалҳо ва таҳлили самаранокиро тақозо менамояд;

в) ба мушоҳида расидани дигар монеаҳо дар сатҳи қонунгузорӣ ва мушкилоти татбиқи шартномаҳои консессионӣ ва ғайра.

3. Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои консессионӣ, ки дар даврони Истиқлоли давлатӣ дар ҶТ қабул гардидаанд, нишон медиҳад, ки дар муқарраротӣ онҳо вобаста ба додани ҳуқуқи истифодаи захираҳои табиӣ (қитъаҳои замин, конҳои маъданҳои фоиданок) ва дигар объектҳои хоҷагидорӣ ба консессионер хатогию номутобиқатиҳои мушаххас ҷой доранд, ки дар навбати худ барои рушди минбаъдаи муносибатҳои консессионӣ дар кишвар монеаҳо эҷод менамоянд.

Ҳамзамон, муҳокимаҳои давомдори илмӣ дар бораи хусусияти (табиати) ҳуқуқии шартномаҳои консессионӣ муайян карда шуда, бо таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъала ба мавқеи олимон вобаста ба пазируфтани шартномаи консессионӣ, ҳамчун шакли мадании-ҳуқуқии ҳамбастагии байни консендент ва консессиядор, ки ба ҳолати имрӯзаи танзими муносибатҳои уфуқӣ мувофиқат менамояд, афзалият дода мешавад. Қобили зикр аст, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баъзе шарҳу эзоҳ, одатан шартномаҳои консессиониро ба сифати шартномаи маданӣҳуқуқӣ муайян кардааст. Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2022 ба масъалаҳои консессия бахшида шудани боби 61 тасдиқи гуфтаҳои боло мебошад.

4. Бо ба инобат гирифтани вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди муносибатҳои консессионӣ мувофиқи мақсад дониста мешавад, ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти давлатӣ таҳлили пайваста ва мониторинги доимии вазъи истифодаи моликияти давлатиро гузаронида, соҳаҳои фаъолияте, ки ба ҷалби сармоягузории хусусӣ, махсусан дар шакли консессия эҳтиёҷ доранд, муайян карда, лоиҳаҳои консессионии барои иқтисодиёт ҷолибро сари вақт таҳия ва барои амалигардонӣ пешниҳод созад ва дар ин замина мушкилоти соҳаи конссесияи миллиро сари вақт ошкор ва баҳри бартараф намудани онҳо таклифҳои судманд манзур намояд.

Гузаронидани ҳисобҳои пешакӣ ва арзёбии лоиҳаҳои эҳтимолӣ ва имконпазири консессионии аз нигоҳи иқтисодӣ самаранок қобили дастгирӣ шуморида шуда, пешниҳод гардидааст, ки танзими ҳуқуқӣ ва тартиби баргузории он бо роҳи қабули санади алоҳидаи меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва додани ин ваколат ба мақоми ваколатдори давлатӣ амалӣ карда шавад. Ба андешаи муаллиф чунин тарзи корбарӣ имконият медиҳад, ки моликияти давлатии бесамар ё ғайримақсаднок истифодашаванда сари вақт муайян гардида, довталабони манфиатдор барои ба консессия гирифтани чунин молу мулк аз маҷмӯи талаботи ҳуқуқӣ ва иқтисодию иҷтимоии ба консессия гирифтани чунин моликият қаблан бохабар гарданд.

5. Таҷрибаи бегона кардани дороии консессионӣ аз рӯи шартномаи консессионӣ, ки дар шартномаи консессионии системаи энергетикии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон пешбинӣ гардидааст, такмилталаб буда, минбаъд метавонад таҷрибаи пурра бегона кардани объектҳои консессиониро ба миён оварад ва ба ин васила бартарӣ ва самаранокии истифодаи молу мулки давлатиро дар асоси консессия нисбат ба хусусигардонии моликияти давлатӣ зери шубҳа гузорад.

Қобили зикр аст, ки навгонии №6 ва №7 ба назари мо баҳснок мебошад, ки дар бораи онҳо дар қисми эродҳо зикр хоҳем кард.

Нуктаҳои илмии манзуршаванда ба назари мо ҷолиби диққат буда, заминаи муҳими илмиро барои такмили қонунгузорӣ фароҳам меоварад.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд**

Муқаррароти илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Ҳамзамон муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба омма пешкаш намудааст.

Натиҷаҳои тадкиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии тадкиқоти диссертатсияро корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Заминаҳои амалии тадқиқотро таҷрибаи ватанӣ ва мақомоти давлатии ваколатдор ташкил додааст. Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқии ташкил додаанд.

Муаллиф хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои худро бо сарчашмаҳои дақиқи илмӣ бо истинод овардан ба маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок намудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Масъалаҳое, ки дар диссертатсия мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, дар дигар корҳои илмӣ, ки ба шартномаҳо бахшида шудаанд, метавонанд мавриди корбурд қарор гиранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро дар такмили қонунгузории граждани ва соҳибкорӣ истифода бурдан мумкин аст. Хулоса ва пешниҳодҳои

муаллиф дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар ҷараёни таълими фанҳои ҳуқуқи маданӣ, курсҳои тахассусмандӣ ба донишҷӯёни факултетҳои ҳуқуқшиносии макотиби олии кишвар истифода бурда шаванд.

Аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии рисола дар он мебошад, ки он ба беҳтар намудани вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартнома равона шуда, мавқеи онҳоро дар ҷомеа аз лиҳози иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мустаҳкам менамояд.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ**

Рисоланавис вобаста кори илмӣ 1 монография ва 15 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 9 адади он дар маҷаллаҳои пешбари тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишори натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия интишор шудаанд. Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар маводи нашргашта инъикос ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои илмӣ-амалии дахлдор дар шакли маърузаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Ба талаботи КОА мутобиқ будани барасмиятдарории диссертатсия**

Диссертатсияи баррасишаванда вобаста ба ном ва нақшаю сохтор, муҳтаво, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Он аз 3 боб, 9 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия асоснок ва баррасӣ гардидааст.

Боби якум – **“Заминаҳои объективии танзими ҳуқуқии муносибатҳои консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” фарогири масъалаҳои зерин мебошад:** заминаҳои рушди шартномаҳои консессионӣ

ҳамчун шакли муносибат байни давлат ва сармоягузори хусусӣ; асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар боби дуюм **“Асоскунии назариявии табиати ҳуқуқии шартномаи консессионӣ”** маъсалаҳои зерин таҳлил шудаанд: мафҳум ва табиати ҳуқуқии шартномаҳои консессионӣ; хусусияти таркиби субъективии шартномаи консессионӣ; хусусиятҳои бастани шартномаи консессионӣ; таносуби шартномаҳои консессионӣ бо шартномаҳои ба ҳам алоқаманд.

**Боби сеюм бахшида шудааст ба “Иҷрои ухдадориҳо дар шартномаи консессионӣ”,** ки фарогири таҳқиқи чунин масъалаҳо мебошад: ҳуқуқ ва ухдадориҳои субъектҳои шартномаи консессионӣ; кафолати ҳуқуқҳо тибқи шартномаи консессионӣ; ҷавобгарии тарафҳои шартномаи консессионӣ барои иҷро накардани ухдадориҳо.

Ҳамзамон муаллиф дар робита ба рисола **автореферат**ро тибқи талаботи муқарраргардида таҳия кардааст, ки онҳо байни ҳам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

**Эродҳо ба диссертатсия**

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, аз ҷумла:

1. Дар навгонии №6 муаллиф чунни зикр кардааст, ки “тартиби ҳалли баҳсҳо байни консессиядор ва конседент такмили минбаъдаро тақозо дошта, пешниҳод мегардад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» имконияти баррасии баҳсҳои консессионӣ дар суди ҳакамӣ ё арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ пешбинӣ карда шавад. Зикр бояд кард, ки новобаста аз набудани чунин меъёр дар Қонун, ин муқаррарот дар шартномаҳои басташудаи консессионӣ пешбинӣ шудаанд, яъне инро консессиядор ҳамчун кафолати ҳуқуқҳои худ тақозо

дорад. Ҳамзамон, бинобар таҷрибаи бойи худ арбитражи байналмилалӣ метавонад ба баррасии ихтисосманди баҳсҳои консессионӣ мусоидат намояд”.

Бо чунин пешниҳод розӣ шудан душвор аст, зеро захираҳои табиӣ ва дигар объектҳои муҳим, ки ҳамчун объекти шартномаҳои консессионӣ мебошанд, бевосита моликияти истисноии давлат ба шумор меравандн. Аз ҳамин сабаб баррасии баҳсҳои мартуб ба шартномаҳои консессионӣ агар дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шавад беҳтар аст.

2. Дар навгонии №7 муаллиф зикр менамояд, ки “Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди танзими ҳуқуқии иштироки давлат дар муносибатҳои хусусии ҳуқуқӣ, принсипи баробарии ташкилоти оммавӣ-ҳуқуқиро бо дигар иштирокчиёни оддии муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дастгирӣ менамояд”.

Қобили зикр аст, ки дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи “ташкилоти оммавӣ-ҳуқуқӣ” ҷорӣ нест. Он хоси қонунгузории дигар давлатҳо мебошад.

3. Дар рисола таҳлили таҷрибаи судӣ ба назар намерасад.

Эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба комил будани рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои баррасикардаи муаллиф мароқангез буда, метавонанд диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намояд.

**Қисмати хотимавии тақриз – хулоса**

Рисолаи баррасигардида аз лиҳози мубрамият, ном ва нақшаи мавзӯъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо, пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ, қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ таҳлил гардида, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур шудааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Абдуллозода Аҳтам Рустам дар мавзӯи «Шартномаҳои консенссионӣ: дурнамо ва рушд», ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, хусусан бандҳои 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул шудааст, таҳия ва манзур гардидааст.

**И.в. профессори кафедраи ҳуқуқи**
**Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ**
**ва соҳибкории Тоҷикистон** **У. А. Меликов**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5 : (+992 237) 234-88-02. Сайт: www.iutet.tj**
**Почтаи электронӣ: dsx_ips@mail.ru**
**Тел.: 100400879**

**«Имзои У. А. Меликовро тасдиқ мекунам»**

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус ДБССТ** **Ҷураев Ш.Н.**

28.08.24